**«Тасдиқ мекунам»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**профессор Хушвахтзода Қ.Х.**

_______________________________

**«_____» ______________________2020 с.**

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рисола дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои менеҷмент ва маркетинг, иқтисод ва идораи КАС, иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима шудааст. Дар рафти иҷрои рисолаи илмӣ Бобохонзода Мирзо Ҷаббор унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Данғара маҳсуб меёбад.

Бобохонзода Мирзо Ҷаббор соли 2002 - юм ихтисоси иқтисодчӣ факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хисравро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ бо баҳои хуб ва таърих ва фалсафаи илм бо баҳои аъло дар соли 2018 супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, мебошад.

Мавзӯи рисолаи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои менеҷмент ва маркетинг, иқтисод ва идораи КАС, иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва андоз ва андозбанди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-ми марти соли 2020, суратҷаласаи №8 муҳокима гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**1. Баҳодиҳии иҷрои рисола.** Рисолаи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба муамоҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои рисолаи илмӣ иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**2. Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст.** Рисолаи илмӣ натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи рисола дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

**3. Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда методҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: методҳои умумии таҳлили омилӣ, амалӣ ва муқоисавӣ, методҳои тадқиқотии ҳисобгирӣ, индуксия ва дедуксия, оморӣ, монографӣ ва абстрактӣ ва ғайраҳо.

Ба сифати заминаи иттилоотӣ таҳқиқоти монографӣ, коркардҳои олимони Россия, Тоҷикистон ва хориҷа, натиҷаҳои корҳои марказҳои пешқадами соҳаи молия ва андоз, маводи конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, маълумоти воқеию омории гирдовардаи муаллиф, маводҳои расмии ВАО, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати кишоварзии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавсияҳои муассисаҳои илмии мамлакат ва санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ оиди рақобатпазирии КАС истифода бурда шуданд.

***Навгонии илмии таҳқиқот*** аз таҳияи консепсияи назариявию методологии идораи баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти танзими таъсири омилҳои сиёсӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ иборат мебошад.

**Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:**

1.Таҳовуллоти назариявии рақобатпазириро баррасӣ намуда, ақидаи муаллифӣ пешниҳод, шуд, ки рақобатпазирӣ чун категорияи иқтисодӣ, муносибатҳоро байни иштироккунандагони такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар хусуси рақобат ҷиҳати бадастории натиҷаҳои беҳтарин бо хароҷоти мувофиқ, ифода мекунанд. Маънидоди мазкур моҳияти рақобатро муайян намуда, зарурияти дар оянда таҳқиқи ҳаматарафаи категорияи «қобилияти рақобатпазирӣ»-ро ногузир мегардонад. Инчунин шароитҳои муайянкунандаи баҳодиҳии рушди устувори ҷумҳурӣ асоснок шудааст, ки ба инҳо дохил мешаванд: зарурияти дида баромадани рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ аз ҷиҳати самтҳои иҷтимоӣ ва синергетикӣ, муайян намудани сохти тадқиқшавандаи қобилияти КАС, амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва устуворию иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ дар асоси истифодаи дурусти шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиии-иқлимӣ ва дигар воситаҳои рушди фаъолияти агрохоҷагӣ;

2. Меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС, дараҷаи бехатарии озуқаворӣ ва устувории иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ ошкор ва асоснок карда

шудаанд, аз ҷумла: методикаи амалинамоии мониторинги рақобатпазирӣ, ҳамчун асоси идоракунии амалии баландбардории рақобатпазирии КАС коркард шудааст; механизми баландбардории рақобатпазирии КАС коркард шудааст; дар асоси мувофиқатии ҷараёнҳои ташкил ва худташкил самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС пешниҳод гардидааст. Вобаста ба ин, Зимни таҳқиқот, муайян карда шуд, ки тавре аз нишондиҳандаҳои пурсиши экспертӣ бармеоянд, тамоми нишондиҳандаҳои коэффитсиентҳои муайянкардашуда ба талаботҳои рақобатпазирӣ дар шароити муосири ҷумҳурӣ ҷавобгӯ нестанд. Вобаста ба ин ба ақидаи мо, зарурияти танзими давлатии баланд бардории нишондиҳандаҳои мазкур, тавассути таҳрири барномаву стратегияҳои давлатӣ ва батадриҷ амалӣ намоии онҳо хело саривақтӣ ва таъмини рушди КАС ва саноатикунонии кишвар гардида, шароити корхонаву ташкилотҳои амалкунандаро беҳтар, ба рақобат тобовар гардидани онҳо имкон фароҳам оварда, боиси рушди иқтисоди миллӣ мегардад;

3. Мавқеи умумии стратегӣ дар масъалаҳои рушди хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои ба саноат мувофиқ муайян карда шуд, ки он баҳисобгирии шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва устувории иҷтимоии ҷумҳурӣ равона шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар саноати коркарди маҳсулоти гӯштӣ тамоюли баракс дида мешавад: комбинатҳои бузурги масолеҳи гӯштӣ аз сабаби кам шудани саршумори чорво барои коркарди дубора муфлис шуданд ва нуқтаҳои хурди кушишхонаҳо зиёд гардида бошанд ҳам, вале онҳо бо технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз нестанд, ки ин ҳолат то ба сикли ниҳоӣ коркард намудани маҳсулоти чорворо таъмин намуда наметавонад, инчунин ҳиссаи зиёди (зиёда аз 60%) маҳсулоти хӯрокворие, ки дар ҷумҳурӣ истеъмол мешаванд, воридотӣ буда, *меъёри*

*худтаъминкунӣ* - ҳиссаи маҳсулоти хӯроквории, ки КАС - и минтақа дар ҳаҷми умуми маҳсулоти хурокворӣ, дар ҷумҳурӣ дар давоми сол, истеҳсол намудааст, кифоят намекунад;

4. Омилҳои амалинамоии сармоягузориҳо ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ошкор карда шуданд, ки хусусиятҳои рақобатпазирии КАС – ро инъикос менамоянд, инчунин ба рушди ММД-и ҷумҳурӣ боис мегарданд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи КАС соли 2018 нисбати соли 1991 дар маҷмӯъ 1,9 маротиба зиёд шуда, нисбати соли 2017 ба 0,9 маротиба зиёд шудааст. Мутаасифона ҳиссаи хароҷотҳо ба соҳаи кишоварзӣ, дар соли 2018 нисбати соли 1991 ба 7% ва нисбати соли 2017 ба 3% кам шудааст. Ҳолати суст инкишофёбии КАС аз он шаҳодат медиҳад, ки маблағгузории он дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нагардида истода аст. Вобаста ба ин, зарурияти зиёд намудани маблағгузории КАС пеш меояд, ба монанди: аз ҳисоби ташакули лизинг, қарзҳои имтиёнок ва ғайраҳо;

5. Муайян карда шуд, ки ҳангоми муносибгардонии мувофиқии шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ, ба назар гирифтани мавқеъи ҷойгиршавӣ ва тахассуси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин муаяйн карда шуд, ки ҳамчун самти асосии рақобатпазирии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот баромад мекунанд, ки миёни онҳо маҳсулнокии чорво ва ҳосилнокии зироатҳо мақоми хосро доро мебошанд. Дар ин самт корҳои зеринро анҷом додан лозим аст: расонидани ҳосилнокии зироатҳои ғалладона то 18-20 с\га, ки имконият медиҳад 1 тоннагӣ ғалла ба сари аҳолӣ истеҳсол карда шавад. Чунин зиёднамоии истеҳсолоти ғалладона, дар навбати аввал хӯроки чорво, ташкил намудани базаи мустаҳками хуроки чорворо барои рушди чорводорӣ имконият медиҳад. Албатта аз рӯи шароитҳои табии-географии ҷумҳурӣ наметавонад як

қатор маҳсулоти хӯроквориро истеҳсол намояд (баъзе сабзавот, мева ва буттамеваҳо), онҳоро дар оянда аз дигар кишварҳо ворид намудан лозим меояд. Дар солҳои наздик кишвар метавонад талаботҳои худро ба шири муқаррарӣ ва истеъмолӣ маҳсулоти туруши ширӣ (творог, сметана, кефир ва ғ.) таъмин намояд. Нисбати истеҳсоли маска, консерваҳои ширӣ, панири дурушт бошад, дарояндаи наздик (то соли 2025) барои ин шароит муҳаё карда шудааст, ки метавон ба дигар давлатҳо содирот намуда аз он маблағи муайянро ба даст овард;

6. Модели вобастагии баландбардории рақобатпазирии КАС аз маблағгузории соҳаҳои КАС ва ММД таҳия карда шуда, муайян карда шуд, ки механизм ва самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС метавонанд асоси рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон гарданд, дар ҳолате, ки соҳаҳои он танзими саривақтӣ гузаронида шавад. Хусусан, дар самти таъмини соҳаҳои КАС бо маблағгузории дохиливу хориҷӣ, шароити мусоид барои рушди онҳо фароҳам мешавад.

**Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Рисолаи илмии Бобохонзода М.Ҷ., дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент), барои баррасӣ пешниҳод мегардад.

**Мутобиқати матн ва навгонии рисола ба ихтисоси интихобшуда.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) – бандҳои: 10.4 - Сиёсати давлатӣ, механизм, метод ва технологияи таҳия ва татбиқи он; 10.8 - Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес ва 10.5. Рақобатпазирии бизнес мувофиқат менамояд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Паҳлуҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 9 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 3 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла чортои он дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, аз чоп баромаданд. Дар ин мақолаҳои илмӣ ақидаҳои илмии муаллиф ва принсипҳои асосии таҳқиқот оварда шудаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ:

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои тақризшаванда ва эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Бобохонзода М.Дж. Особенности управления предприятиями аграрного сектора Республики Таджикистан/ М.Дж. Бобохонзода, К.Х.Барфиев // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. Научный журнал №10 (57), Москва- 2017. стр. –С.411-414.

2. Бобохонзода М.Дж. Основные показатели сельского хозяйства и методы их исчисления/ М.Дж. Бобохонзода// Вестник Таджикский Национальный Университет (научный журнал) серия экономических наук 2\6 Душанбе «Сино» 2017 г. стр.-С. 56-62

**Б) мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо чоп шуданд:**

1. Бобохонзода М.Дж. Методологические основы управленческого учета затрат сельскохозяйственных предприятия/ М.Дж. Бобохонзода// Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Глобализация экономики: проблемы и развития стратегии бухгалтерского учета, анализа, аудита и статистики» (г. Душанбе, 23-24 ноября 2016 года), стр.-С. 26-31

2. Бобохонзода М.Дж. Анализ состояние государственной поддержки агропромышленного региона Республики Таджикистан/ М.Дж. Бобохонзода// Материалы международной научно-практической конференции на тему:

«Глобализация экономики: проблемы и развития стратегии бухгалтерского учета, анализа, аудита и статистики» (г. Душанбе, 23-24 ноября 2016 года).- С. 177-181

3. Бобохонзода М.Дж. Пути совершенствования и развития сельского хозяйства Республики Таджикистан/ М.Дж. Бобохонзода// Известия Иссык-кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральный Азии №2(16) 2017. Международной теоретический и научно-практический журнал. Кыргизистан. стр. –С. 226-231.

4. Бобохонзода М.Дж. Формирования системы управленческого учета затрат по центрам ответственности в отрасли растениеводства/ М.Дж. Бобохонзода// Известия Иссык-кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральный Азии №2(16) 2017.Международной теоретический и научно-практический журнал. Кыргизистан. стр.-С. 231-236.

5. Бобохонзода М.Дж. Эффективности управление финансовыми ресурсами организации/ М.Дж. Бобохонзода// Сборник Материалов Республиканский научно-практической конференции «Актуальные вопросы учета, анализа, аудита и статистики в Республики Таджикистан» г. Душанбе, 25 декабря 2017 г. стр.-С. 17-21

6. Бобохонзода М.Дж. Анализ факторов конкурентоспособности сельскохозяйственных продукции/ М.Дж. Бобохонзода// Вестник Дангаринского государственного университета (научный журнал) серия 1-2 (5-6) стр. –С. 187-191

7. Бобохонзода М.Дж. Механизм экономической конкурент способности дехканских (фермерских) хозяйств/ М.Дж. Бобохонзода// Вестник Дангаринского государственного университета (научный журнал) серия 1-2 (5-6) стр. –С. 191-201.

Рисолаи илмии Бобохонзода М.Ҷ., дар мавзӯи «Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент).

**Интишори натиҷаҳои рисола.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар якчанд конфренсияҳои илмию-амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад карда шудааст. Мақолаҳои илмии муаллиф дар солҳои 2016-2020 дар паёмҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА- федератсияи Россия ва конфронсҳои илмӣ-ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз чоп баромадаанд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 35 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 26 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 26 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»- нест, суратҷаласаи №8, аз 26.03.2020 с.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои менеҷмент ва маркетинг, иқтисод ва идораи КАС, иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва андоз ва андозбандии ДМТ аз 26-уми марти соли 2020, суратмаҷлиси №8 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинги**
**факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Муҳсинов Д.С.**

**Котиб:**
**ассистенти кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинги**
**факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Каримов М.И.**

**Имзоҳои Муҳсинов Д.С. ва Каримов М.И. -ро**
**тасдик мекунам,**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«___»____________ 2020 с.**